«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара, доктори илмҳои
иқтисодӣ, профессор
__________ Хайрзода Ш. Қ.
«_23_» _сентябри_ соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дар заминаи феҳристи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст иҷро карда шуда, тибқи мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба бандҳои 2, 3, 4, 7, 8, 28 ва 29 –и шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад.

Зеро таҳқиқоти мазкур ҳамгироии байнифаннӣ (ҲБФ) ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳими методикаи таълим дар синфҳои ибтидоӣ, ба ҳайси усули муассири таълим аз тарафи довталаб нишон дода шудааст. Ин усул на танҳо ба баланд бардоштани сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон мусоидат менамояд, балки дар рушди тафаккури диалектикӣ ва мантиқӣ, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, омодагии техникӣ ва шаклгирии майлу рағбати касбии онҳо низ нақши муҳим дорад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-

педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба таҳқиқи масъалаи бисёр мубрам ва саривақтӣ бахшида шудааст. Муаллифи диссертатсия мубрамии мавзуи дарназарро ба амалигардонии таъкидҳои пайвастаи маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба таълим ва таҳқиқоти илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, омода кардани мутахассисони ботаҷриба, соҳибихтисос ва боистеъдоди ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ, инчунин, эълон гардидани солҳои 2020–2040 ҳамчун «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» арзёбӣ менамояд.

Амалигардонии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ метавонад дар баланд бардории сатҳу сифати таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар муассисаҳои таълимӣ новобаста аз шаклу моликияти онҳо мусоидат намояд. Муаллиф дар диссертатсияи мазкур маҳз ба ин самти муҳими таълим таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, роҳҳои амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнро дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод менамояд.

Ба ин васила, Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон пешниҳод менамояд, ки ҷиҳати рушди роҳу усулҳои таълим, инчунин, самаранок истифодаи технологияи муосир дар раванди таълим омӯзгоронро зарур аст кӯшиши зиёде ба харҷ диҳанд, то ки мазмуну мундариҷаи таълиму тарбияро дар асоси талаботи замони муосир аз синни хурди мактабӣ мутобиқ созанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» аз нигоҳи назарӣ ва амалӣ мубрам буда, натиҷаҳои он метавонанд дар такмили таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ, дар омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, рушди ҷаҳонбинии илмӣ, тафаккури техникӣ, инчунин, бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ гардидани хонандагон дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ саҳми арзанда гузоранд.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» аз лиҳози дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодот дар сатҳи баланд арзёбӣ мегардад. Муаллиф тавонистааст, ки на танҳо мубрамияти мавзуъро ба

таври дақиқ нишон диҳад, балки натиҷаҳои бадастомадаро низ бо далелҳои қавӣ ва усулҳои тадқиқотии муосир асоснок намояд.

Асосноккунии илмии гузоришҳо. Гузоришҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодоте, ки дар диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» оварда шудаанд, бо он асоснок карда мешавад, ки ташаккули таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар ҷараёни таълими математика метавонад самарабахш бошад, агар шароитҳои педагогии мусоид фароҳам оварда шаванд. Ин шароитҳо ба назар гирифтани хусусиятҳои синнусолии хонандагон, истифодаи методҳои фаъоли таълим, таъмини робитаи математика бо воқеияти зиндагӣ, ҳамоҳангсозии таълим бо тарбияи маънавӣ ва ахлоқӣ ва ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо оила ва ҷомеаро дар бар мегиранд. Гузоришҳои илмӣ, ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок мебошанд. Истинод ба асарҳои олимони маъруфи тоҷик, ба монанди М. Нугмонов, К. Иззатулоев, К.Қ. Ҷумаев, Т.Б. Раҷабов, Қ.Т. Бурҳонов, М. Маҳкамов ва таҳлили диссертатсияҳои ҳимояшуда дар давраҳои гуногун гувоҳи таҳлили ҳамаҷонибаи масъала мебошад.

Муаллиф таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, таҳқиқоти мавҷуда дар соҳаи педагогикаро анҷом додааст. Ин таҳлил имкон додааст, ки ҷиҳатҳои омӯхташуда ва кам омӯхташудаи мавзуи дарназар муайян гардида, роҳҳои нави ҳалли мушкилот пешниҳод шаванд.

Дақиқӣ ва мантиқияти хулосаҳо. Хулосаҳои диссертатсия ба таври мантиқӣ аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеоянд. Муаллиф тавонистааст, ки робитаи байни фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ ва татбиқи онҳоро зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба таври возеҳ нишон диҳад. Хулосаҳо на танҳо ҷанбаҳои назариявии масъаларо дар бар мегиранд, балки ба проблемаҳои мушаххаси ворид намудани ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоро зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар раванди таълиму тарбия тамаркуз мекунанд. Ин нишон медиҳад, ки хулосаҳо ба таври амалӣ қобили истифода мебошанд.

Асосноккунии пешниҳодот. Пешниҳодоти дар диссертатсия овардашуда ба таҷриба нигаронида шудаанд ва дорои асосnúmkии илмӣ-методӣ мебошанд. Онҳо ба такмили раванди таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ тавассути ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ равона шудаанд. Таҳқиқот ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки чӣ гуна ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар ташаккули тафаккур, қобилияти азхудкунӣ, рушди малакаҳои математикӣ ва мантиқии хонандагон нақши калидӣ бозанд. Пайвастагии таҳқиқот бо

барномаҳои давлатӣ, аз қабили Солҳои 2020–2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» ва «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», асосноккунии амалии пешниҳодотро боз ҳам тақвият медиҳад.

Дар таҳқиқоти мазкур муаллиф ба таври васеъ мафҳумҳои таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матниро мавриди баррасӣ қарор дода, онҳоро ҳамчун унсурҳои асосии тарбияи насли наврас арзёбӣ менамояд.

Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқоти диссертатсионии Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар асоси таҳлили натиҷаи таҳқиқот назариявию амалӣ пешниҳод карда шудааст, ки аз саҳеҳӣ ва дурустии натиҷаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқот ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.**

Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» дорои навгонии баланди илмӣ мебошад, ки онро дар якчанд ҷанбаи муҳим метавон арзёбӣ кард.

Таҳқиқоти диссертатсионии Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ хеле арзишманд аст. Муаллиф дар таҳқиқоти худ як қатор масъалаҳои муҳими марбут ба шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнии хонандагонро баррасӣ намуда, ба хулосаҳои ҷолиб ва муҳим омадааст. Муаллиф тавассути таҳқиқи масъалаи шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ, дар илми педагогикаи муосир саҳми назаррас мегузорад. Навгониҳои асосии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин инъикос ёфтаанд:

- муаллифи диссертатсия тавонистааст дар асоси муносибатҳои илмӣ мазмун, сохтор ва моҳияти таълими ҳамгирои фанҳои синфҳои ибтидоиро муайян намояд;

- ҳамчун воситаи амалинамоии таълими ҳамгиро самтҳои асосии робитаи байнифании математикаро бо фанҳои синфҳои ибтидоӣ таҳқиқ ва ошкор кардааст;

- шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матниро дар асоси тамоилҳои низомӣ, фаъолнокӣ, техникӣ, масъалагузорӣ коркард ва пешниҳод шудааст;

- вобаста ба амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ сатҳ, меъёр ва нишондиҳандаҳо муқарар ва пешниҳод карла шудаанд;

- дар раванди таҳқиқот таҳияи самаранокии модели шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ  санҷида ва нитиҷагирӣ карда шудааст;

- беҳдошти шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар натиҷаи озмоишҳои педагогӣ исбот карда шудааст;

- вобаста ба натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот барои амалияи таълим дар синфҳои ибтидоӣ тавсияҳои муфид ва самарабахш пешниҳод карда шудааст.

Муаллиф бо муайян кардани самтҳои фаъолияти омӯзгор дар ин самт имкон медиҳад, ки омӯзгорон дар фаъолияти худ самараноктар ва мақсаднoктар бошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ба таври дақиқ ва асоснок баён шудаанд.    Муаллиф барои асосноккунии хулосаҳои худ аз маълумотҳои эмпирикӣ, таҳлили адабиёти илмӣ ва таҷрибаи шахсии худ истифода кардааст. Ин далели он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот эътимодбахш ва боэътимод мебошанд.

Саҳеҳии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада шубҳанопазир буда, тавассути омилҳои зерин таъмин гардидааст:

1. Асосноккунии назариявӣ ва методологӣ: Муаллиф дар таҳқиқоти худ ба пойгоҳи мустаҳками назариявӣ такя кардааст. Таҳлили амиқи адабиёти илмӣ доир ба педагогика ва иҷтимоиёт нишон медиҳад, ки муаллиф аз падидаҳои мавзуъ ва роҳҳои ҳалли онҳо огоҳии комил дорад. Истифодаи методҳои гуногуни тадқиқотӣ, ки дар қисмати мубрамият низ ишора шудааст (таҳлили адабиёт, мушоҳида, таҷрибаи педагогӣ, пурсиш), ба ҳамаҷонибагии омӯзиши масъала мусоидат кардааст. Инчунин, таҳлили диссертатсияҳои ҳимояшуда дар самти мазкур дараҷаи баландтари илмии рисоларо таъмин менамояд.

2. Таҳлили ҳамаҷонибаи масъала: Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон танҳо ба ҷанбаҳои математикӣ маҳдуд нашуда, инчунин, ҷанбаҳои таърихӣ, тарбиявӣ ва иҷтимоии онро мавриди таҳлил қарор додааст. Ба ин васила, масъалаи шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар доираи васеътар, бо назардошти таъсири ҷаҳонишавӣ ба ҷомеаи миллӣ, омӯхта шудааст.

3. Робита бо барномаҳои давлатӣ: Ин нишон медиҳад, ки натиҷаҳои таҳқиқот танҳо хусусияти назариявӣ надошта, балки барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм қобили истифода мебошанд.

4. Истифодаи маводҳои махсуси илмӣ-методӣ: Ба назар гирифтани маводҳои махсуси илмӣ-методӣ доир ба тартиби таҳияи таҳқиқотҳои илмӣ дар рушди фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ ба риояи меъёрҳои илмӣ ва баланд будани сифати тадқиқот гувоҳӣ медиҳад.

Дар маҷмуъ, навгонии илмӣ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар он зоҳир мегардад, ки он масъалаи муҳими рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маорифро дар заминаи таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ аз дидгоҳи нави дидактикӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, бо ин васила ба рушди илми педагогика ва амалияи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ саҳми арзанда мегузорад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.**

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» дар нуктаҳои зерин ифода меёбад:

Аҳамияти илмӣ: Таҳқиқот заминаи назариявии навро барои шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фароҳам меорад. Он ба таври муфассал муносибатҳои илмӣ мазмун, сохтор ва моҳияти таълими ҳамгирои фанҳои синфҳои ибтидоӣ муайян карда, равишҳои муассири педагогӣ барои татбиқи онҳоро пешниҳод менамояд ва барои таҳқиқоти минбаъда роҳ мекушояд. Самтҳои асосии робитаи байнифании математика бо фанҳои синфҳои ибтидоӣ ҳамчун воситаи амалинамоии таълими ҳамгиро ошкор намуда, имкон медиҳад, ки ин раванд ба таври сохторӣ ва мақсаднок роҳандозӣ карда шавад.

Аҳамияти амалӣ: Натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби муаллифони китобҳои дарсии математикаи синфҳои ибтидоӣ ҳангоми таҳияи системаи масъалаҳои математикии матнӣ метавонанд кӯмак расонанд. Омӯзгорон метавонанд онҳоро дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ истифода баранд. Ин масъаларо омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ҳангоми баргузории дарсҳои фанни «Методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ» мавриди баррасӣ қарор диҳанд. Аз сохтор ва мазмуни таълими ҳамгироии фанҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ докторантҳо ва унвонҷӯён метавонанд ба пуррагӣ баҳра гиранд. Маводи таҳқиқотро ҳамчун заминаи методии зарурӣ ва саривақтӣ ҷиҳати ташкил ва гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф метавон самаранок истифода бурд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи сиёсати маориф дар самти рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф истифода шаванд.

Аҳамияти иқтисодӣ: Тарбияи насли ватандӯст ва дорои арзишҳои шаҳрвандӣ ин сармоягузорӣ баояндаи иқтисодии кишвар аст. Чунин шахсон дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар саҳмгузор хоҳанд буд. Таълиму тарбияи шаҳрвандон дар самти мазкур метавонад ба коҳиши хароҷот дар соҳаҳои гуногун, аз қабили паст рафтани сифати таҳсилот ва ғайра оварда расонад. Ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ба рушди захираҳои инсонӣ мусоидат намуда, дар натиҷа, иқтисодиёти кишварро пеш мебарад.

Таҳлили байнифаннӣ. Кӯшиши пайваст намудани дидактика ва раванди иҷтимоишавӣ дар ин рисола заминаи назарияи ҳамгироии фанниро дар педагогика гузошта, имкон медиҳад, ки масъалаи рушди фанҳои дақиқ аз дидгоҳҳои гуногуни илмӣ, аз сотсиология ва иҷтимоиёт мавриди таҳлил қарор гирад.

Аҳамияти иҷтимоӣ: Диссертатсияи мазкур ба масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ таваҷҷӯҳ карда, дар рушди ҷомеа саҳми арзанда мегузорад. Ташвиқи таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матн дар доираи барномаҳои таълимӣ метавонад ба эътирофи байналмилалии ин раванд ва дар ниҳоят, муаррифӣ гардидани хонандагон дар олимпиадаҳои байналмилалӣ мусоидат намояд, ки ин ба баланд бардоштани обрӯи миллӣ низ кӯмак мекунад.

Ташаккули шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ ба муттаҳидии миллӣ мусоидат менамояд. Мутахассисони ҷавобгӯ ба талабот бозори ҷаҳонӣ метавонанд ҷомеаро обод ва пешрафта гардонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон аҳамияти калони илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, истифодаи амалии натиҷаҳои он ба рушди соҳаи маориф ва илми кишвар ва тарбияи насли наврас саҳми арзанда гузошта метавонад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.**

Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» аз нигоҳи эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ дар сатҳи баланд қарор дорад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба якчанд факторҳо вобаста аст, ки дар маҷмӯъ, ба сифати методология ва равишҳои таҳқиқот, инчунин таҷрибаи шахсии муаллиф таъсири амиқ мерасонанд.

Аз ҷониби муаллиф татбиқ ва амалисозии таълими ҳамгироии фанҳо дар синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ (МММ) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия ва ва пешниҳод карда шуданд. Дар қисми озмоишии таҳқиқот шаклу усулҳои самараноки шароитҳои педагогӣ ва роҳи амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳо дар синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ муайян гардиданд.

Барои баргузоркунии таҳқиқот роҷеъ ба татбиқи шароитҳои педагогии амалисозии таълими ҳамгироии фанҳо дар синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли МММ дар МТМУ методикаи гузаронидани таҳқиқот таҳия шуда, аз рӯйи натиҷаҳои он хулосаҳои мувофиқ ва зарурӣ бароварда шудаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот дар он инъикос меёбад, ки усулҳои нави пешниҳодшуда дар рафти таълими ҳамгироии байнифаннӣ зимни иҷрои масъалаҳои матнӣ, ки дар тадриси математикаи синфҳои ибтидоӣ ба кор рафтаанд, барои истифодаи омӯзгорони мактабҳои гуногунравия тавсия дода мешаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.**

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқот, ҳамчун қисми асосии раванди илмӣ, нақши муҳим ва боэътимод дорад. Иштироки бевосита дар ҷамъоварӣ ва коркарди маводи воқеӣ ва маълумоти омории ибтидоӣ, аз аввалин саҳми муаллиф аст, ки барои таъмини дақиқии натиҷаҳо анҷом додааст.

Саҳми шахсии Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар таҳия ва иҷрои диссертатсия дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» муҳим ва назаррас арзёбӣ мегардад. Ин саҳм дар ҷанбаҳои зерин ба таври возеҳ зоҳир мегардад:

Интихоб ва асосноккунии мавзуъ. Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон мавзуи мубрам ва саривақтиро интихоб намуда, зарурати таҳқиқи шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матниро дар шароити муосир, махсусан барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ба таври амиқ асоснок кардааст. Ин интихоб нишон медиҳад, ки муаллиф ба мушкилоти амалии соҳаи маориф ва фанҳои табиатштносӣ ва табиӣ-риёзӣ огоҳии комил дорад.

Таҳлили амиқи назариявӣ. Довталаб таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти илмӣ, асарҳои олимон ва диссертатсияҳои ҳимояшударо дар соҳаҳои марбута анҷом додааст. Ин кори бузурги таҳлилӣ ба ӯ имкон дод, ки холигоҳҳои илмиро муайян намояд ва ба таҳияи консепсияи нави ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матниро дидактикаи фанҳои дақиқ ноил гардад. Махсусан, таваҷҷӯҳ ба таҳқиқоти гуногун дар замонҳои мухталиф ва муқоисаи онҳо (масалан, дар бораи таваҷҷӯҳ ба иштирок дар

олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ) саҳми шахсии ӯро дар амиқтар кардани таҳлил нишон медиҳад.

Дастёбӣ ба натиҷаҳои илмӣ-амалӣ. Довталаби дараҷаи илмӣ Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон на танҳо ҷанбаҳои назариявии масъаларо баррасӣ намудааст, балки ба таҳияи хулосаҳо ва пешниҳодоте ноил гардидааст, ки дорои аҳамияти баланди амалӣ мебошанд. Ин пешниҳодот оид ба ворид намудани ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матни, ташкил ва назорати онҳо, бевосита барои такмили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ қобили истифодаанд.

Пайванд додани таҳқиқот бо барномаҳои давлатӣ. Саҳми шахсии муаллиф дар он аст, ки ӯ таҳқиқоти худро ба барномаҳои муҳими давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм пайванд додааст. Ин нишон медиҳад, ки ӯ на танҳо ба масъалаҳои илмӣ, балки ба татбиқи амалии натиҷаҳои кор ва саҳмгузорӣ дар рушди кишвар низ таваҷҷӯҳи калон дорад.

Масъулияти илмӣ. Аз матнҳои пешниҳодшуда бармеояд, ки довталаб бо масъулияти баланд ба таҳқиқоти илмӣ муносибат карда, ҳадафҳои гузошташударо ба таври пурра амалӣ намудааст.

Дар маҷмуъ, саҳми шахсии Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар диссертатсияи мазкур дар муайян кардани мубрамияти мавзуъ, асосноккунии илмӣ ва амалии натиҷаҳо ва пайвастагии онҳо бо талаботи ҷомеа зоҳир гардида, муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот фаъолона иштирок намуда, мустақилияти илмӣ, қобилияти таҳлилӣ ва ташаббускории худро нишон додааст. Инчунин, муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба эътимоднокии натиҷаҳо, амиқии таҳқиқот ва арзиши илми он таъсири амиқ расонидааст, ки он метавонад ҳамчун намунаи хуби кор ва масъулиятшиносӣ дар таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб меравад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Мавҷудияти интишороти зиёд аз рӯйи мавзуи диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» гувоҳи фаъолияти баланди илмӣ-таҳқиқотӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада мебошад.

Махсусан, қайд карда мешавад, ки нуқтаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқот дар 24 мақолаи илмӣ ба табъ расидаанд. Аз ин теъдод 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Ин нишондиҳандаи он аст, ки муаллиф на танҳо тавонистааст як масъалаи муайянро ҳал намояд, балки як системаи муайяни донишҳоро дар доираи мавзуи худ ташаккул додааст.

Ҳамзамон, онҳо имконият додаанд, ки муаллиф ба доираи ҷомеаи илмӣ шомил шавад ва бо дигар муҳаққиқон ва коршиносони соҳа ҳамкорӣ кунад, ки ин метавонад барои рушди минбаъдаи таҳқиқоти илмии ӯ ва такмили малакаҳои ҳирфавии ӯ хеле муфид бошад.

Дар маҷмуъ, шумораи зиёд ва сифати интишороти Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон аз рӯйи мавзуи диссертатсия далели пуррагӣ, асосокӣ ва аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти ӯ буда, ба дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ ба таври комил мусоидат менамояд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи "Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ" ба таҳқиқи муҳим ва актуалӣ дар соҳаи таълим ва тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудааст. Дар диссертатсия шароитҳои педагогӣ, методология ва стратегияи таълиму тарбия таҳлилилу баррасӣ шудааст, ки метавонанд барои шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар хонандагон мусоидат кунанд. Муаллиф дар таҳқиқоти худ ба омӯзиши механизмҳо ва методҳои таълими ҳамгироии фанҳо, ки метавонанд дар такмили шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ нақши муҳим дошта бошанд, диққати махсус додааст.

Дараҷаи ба итмом расидани диссертатсияро таҳлили амиқи маълумотҳои ҷамъоваришуд ва натиҷаҳои дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ ноилшуда, инчунин истифода аз методҳои арзёбӣ, ки самаранокии усулҳои пешниҳодшударо нишон медиҳанд, тасдиқ мекунанд. Муаллиф натиҷаҳои пурра ва муфассалро мувофиқ ба мақсадҳои таҳқиқот пешниҳод карда, хулосаҳои амиқ баровардааст ва самаранокии методҳои истифодашударо собит сохтааст, дараҷаи баланду эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия ва ба таври мукаммал ба анҷом расидани таҳқиқоти диссертатсионӣ гувоҳӣ медиҳад.

Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» дар ҳаҷми 194 саҳифа бо сохтори иборат аз муқаддима, 2 боб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аз 198 номгӯй, 9 расм, 10 диаграмма, 9 ҷадвал ва замима таҳия гардидааст.

Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои

ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» ба таҳқиқи муҳим ва актуалӣ дар соҳаи таълим ва тарбияи насли наврас нигаронида шудааст.

Муаллифи диссертатсия дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқшавандаро асоснок кардааст, инчунин, дараҷаи омӯзиши онро арзёбӣ намуда, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии онро муайян кардааст.

Дар боби якуми диссертатсия заминаи мустаҳками назариявӣ ва методологиро барои таҳқиқоти ӯ дар бораи «Асосҳои назариявӣ-методологии шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ» муайян ва таҳлилу баррасӣ шуда, муаллиф аз ҷумла, иброз кардааст, ки амалигардонии ҳамгироии фанҳо ба низомҳои гуногуни таҳсилот имкон медиҳад, ки вазифаҳои мушаххаси дар назди муассисаҳои таълимии муосир гузошташуда ҳал карда шаванд ва таълими ҳамгиро имкон медиҳад, ки маҷмуи иттилоот дар робитаи байниҳамдигарӣ ва ягонагӣ азхуд карда шавад. Боби мазкур аз ду зербоб ва хулоса иборат мебошад.

Зербоби якум «Асосҳои назариявии маҷмуи, сохтор ва моҳияти таълими ҳамгироии фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ тибқи тамоилҳои методологӣ» номгузорӣ шуда, ба таҳлили илмии асосҳои назариявию методологии ташаккули таълими ҳамгироии фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст.

Зербоби дуюми боби якум «Муаянкунии самтҳои асосии робитаи байнифании математика бо забони модарӣ, табиатшиносӣ, санъат ва меҳнат ҳамчун воситаи амалинамоии таълими ҳамгиро» номгузорӣ шуда, ба таҳлили амиқи робитаҳои мазмунӣ ва методологии байни фанни математика ва дигар фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст ва яке аз қисматҳои муҳимми пайдоиши таълими ҳамгиро маҳсуб меёбад.

Боби дуюми диссертатсия «Амалинамоии шароитҳои педагогии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар раванди омезиши математикаи синфҳои ибтидоӣ» тавсиф шудааст. Ин боб ба таҳлили амиқи механизмҳо, методҳо ва усулҳои педагогӣ, ки барои рушди таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ зарур мебошанд, нигаронида шудааст.

Муаллиф дар ин боб технологияи педагогии ташаккули таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоиро дар дарсҳои математика мавриди тасвибу озмоиш қарор дода, усулҳои муосир ва самаранокро дар раванди таълим пешниҳод мекунад. Ин технологияи педагогӣ бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои синфҳои ибтидоӣ ва ниёзҳои махсуси хонандагон таҳия шудааст,

ки имкон медиҳад, то хонандагон усулҳои муҳими ҳалли масъалаҳои математикии матнро дарк кунанд ва дар амалия татбиқ намоянд.

Муаллиф бо истифода аз методҳои гуногуни таҳқиқотӣ, аз ҷумла таҳлил ва синтези маълумотҳои ҷамъоваришуд, натиҷаҳои озмоиширо ба даст оварда, самаранокии истифодаи технологияи мазкурро собит кардааст.

Дар маҷмуъ, боби дуюми диссертатсия бо пешниҳод ва озмоиши технологияи педагогии самаранок барои ташаккули шароитҳои педагогии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар раванди омезиши математикаи синфҳои ибтидоӣ муаллифро дар ҷодаи таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ муваффақ гардонидааст. Боби дуюм аз се зербоб ва хулоса иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби дуюм масъалаи таҳия ва интихоби низоми масъалаҳои математикии матнӣ бо назардошти талаботи таълими ҳамгироии фанҳо дар синфҳои ибтидоӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюм, ки «Роҳу воситаҳои истифодаи самараноки шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» номгузорӣ шудааст, сухан дар бораи робитаи байнифаннӣ дар таълими синфҳои ибтидоӣ яке аз муҳимтарин роҳҳои татбиқи ҳамгироии донишҳо, малакаю маҳоратҳои илмӣ ва ҳаётӣ дар байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ меравад.

Зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия ба «Озмоиши педагогӣ ва ташхису коркарди омории натиҷаҳои бадастомада» бахшида шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» бо талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ба таври зерин арзёбӣ намуд:

1) Мавзуи диссертатсия ба масъалаҳои муҳим ва актуалии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ, равона шудааст.

2) Методологияи дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодашуда бо стандартҳои илмӣ ва талаботи Комиссия мутобиқ буда, муаллиф методологияи самаранок ва мувофиқро барои таҳқиқи мавзуъ интихоб кардааст, ки нишондиҳандаи эътимоднокии натиҷаҳои ба дастовардаи у маҳсуб меёбад.

3) Дар диссертатсия натиҷаҳои амиқ ва воқеӣ пешниҳод карда шудааст, ки шомили таҳлили дақиқи маълумот ва хулосабарории асосноканд, натиҷаҳо

бо маълумотҳои қаблӣ муқоиса ва пешниҳоди хулосаҳои ба такмили низоми таълиму тарбия мувофиқ манзур шудаанд.

4) Дар диссертатсия хулосаву пешниҳодҳои амалии амиқ ва самаранок барои татбиқи шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар раванди таълим пешниҳод шудаанд.

5) Муаллиф тавонистааст, ки самаранокии усулҳои пешниҳодшударо бо истифодаи методҳои арзёбӣ ва озмоишҳо собит намояд ва ин ба муаллифи диссертатсия имкон додааст, ки мувофиқати диссертатсияро ба талаботи Комиссия таъмин созад.

Дар маҷмуъ, диссертатсия дар ҳамаи ҷанбаҳои болозикр муваффақ буда, мутобиқати комил бо талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дорад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Тахассуси илмии довталаб Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон ба ихтисоси илмии дархостшаванда - номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертасионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки он ба рушди таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ таваҷҷӯҳ мекунад, ки ин гурӯҳи синнусолӣ барои ташаккули рушди тавакури математикӣ ва мантиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ хеле муҳим аст. Таҳқиқоти мазкур на танҳо ба омӯзгорон кӯмак мекунад, балки барои сиёсати таҳсилотии давлат ва рушди иҷтимоии ҷомеа низ аҳамияти калон дорад.

Афзалиятҳои педагогии пешниҳодшуда дар диссертатсия метавонанд ба такмили усулҳои таълимӣ ва тарбиявии муассисаҳои таълимӣ мусоидат кунанд, ки ин боиси беҳтар шудани сифати таълимӣ хонандагон гардад.

Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои дигар муҳаққиқон, олимон ва сиёсатмадорон манбаи арзишманде бошанд, ки дар таҳияи стратегияи нави таълим ва тарбияи шаҳрвандӣ кумак расонанд.

Пешниҳодҳои амиқи муаллиф дар самти татбиқи усулҳои педагогӣ метавонанд роҳнамои муассисаҳои таълимӣ барои беҳтар кардани раванди таълим ва тарбия бошанд, ки ин ба рушди ҷомеа ва мустаҳкам кардани донишҳои математикии синфҳои ибтидоӣ кӯмак расонад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия:** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии дяссертасияро коста

намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи унвонҷӯ самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Баъзе метод ва усулҳои таҳқиқот, ки дар диссертатсия истифода шудаанд, ба назари мо, наметавонанд дар амалияи таълими воқеӣ самаранокӣ нишон диҳанд. Илова кардани усулҳои нав ва озмоишии педагогӣ метавонад ба беҳтар шудани натиҷаҳо дар оянда кӯмак расонад.

2. Маълумотҳо дар баъзе ҳолатҳо нокифоя ва ба таври мукаммал тафсир шудаанд. Барои беҳтар кардани эътимоднокии натиҷаҳо, лозим аст, ки муаллиф дар оянда диққати бештар ба ҷамъоварӣ ва корбурди маълумот диҳад.

3. На дар ҳама ҳолатҳо муаллифи диссертатсия назар ва ақидаи муҳаққиқонеро, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, аз дидгоҳи худ таҳлилу баррасӣ кардааст, ки ин метавонад барои такмили мазмун ва амиқ кардани таҳқиқот муфид арзёбӣ мешавад, зеро идора кардани баҳсҳо ва пешниҳоди назарҳо метавонад ба эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳое, ки ба даст меоянд, кӯмак расонад.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он аҳёнан ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар вомехӯранд.

Ислоҳи нуқсу камбудиҳо ва такмили ҷанбаҳои закршуда метавонад ба муаллиф кӯмак расонад, то дар таҳқиқоти оянда натиҷаҳои беҳтар ва самаранoктар ба даст орад ва барои амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар ҷомеа муфид хоҳад буд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфтӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.**

Хулоса, диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон да мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара Ғафурова Дилором Ҷаборовна омода шудааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи № 2 аз 22.09. соли 2025.)

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 15 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 15 нафар, зид – 0 нест, бетараф – 0 нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи педагогика
ва психология Донишгоҳи
давлатии Данғара Д.Ҷ.Ғафурова

**Эксперт:**
номзади илмҳои педагогӣ,
иҷрокунандаи вазифаи дотсент
дар Донишгоҳи давлатии Данғара Ю.Ш.Наботов

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои педагогӣ,
муаллими калони кафедраи
педагогика ва психология Ҷ.Ш.Садирова

**Имзоҳои Д.Ҷ. Ғафурова, Ю.Ш. Наботов ва Ҷ.Ш. Садирова - ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ – и
«Донишгоҳи давлатии Данғара» Тоирзода С.Т.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ШУЪБАИ КАДРҲО ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25. Тел: +992 833122-28-06, +992 934337676.
E-mail: dddangara 2013@mail.ru, Dilorom.gafurova.76@mail.ru;
сомонаи расмӣ: www.dsu.tj

«23» сентябри соли 2025.